Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Камолов Хуршедулло Субҳонқулович дар мавзуи "Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023)**

Дар замони имрӯза ҷараёнҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии байнидавлатӣ тақозо менамояд, ки дар марҳилаи муосири инкишофи ҳуқуқи байналмилалӣ бештари муносибатҳое, ки дар ибтидо мавзуи танзими ҳуқуқи дохилидавлатиро ташкил медоданд, аз тарафи ҳуқуқи байналмилалӣ ба танзим даровaрда шаванд. Бахусус, масъалаи мавқеи ҳуқуқии санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар низоми қонунгузории миллӣ ва бартарияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқи дохилидавлатӣ аз ҷумлаи масоили мубрам буда, дар атрофи онҳо муқаррароти қонунгузорӣ ба таври мухталиф тавзеҳ дода мешавад.

Беҳуда нест, ки яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи банди 26 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ гардидааст, мутобиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ташкил медиҳад. Аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ омӯзиш ва баррасии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад.

Дар робита ба масъалаи болозикр, муаллиф аҳаммият ва ҷойгоҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, ҳамзамон, масъалаҳои доираи татбиқи онҳо дар ҳуқуқи ҷиноятӣ, афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбати муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқи ҷиноятиро мавриди таҳқиқи комили илмӣ қарор додааст.

Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ва ташкили давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёнҳои ташаккул ва такмили қонунгузории миллӣ бо назардошти талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оғоз ёфт. Вобаста ба ин, мафкураи нави сиёсӣ пойдор гардид, ки ҳамчун асоси фаъолияти берунӣ ва дохилӣ – эътирофи бартарияти ҳуқуқи байналмилалиро муайян намуда, дар баланд бардоштани нақши он дар низоми қонунгузории миллӣ мусоидат кард. Бо мурури замон қонунгузории Тоҷикистон хусусиятҳои ҳуқуқи байналмилалиро дар худ касб намуда, дар он меъёрҳо ва принсипҳои умумиэътирофшуда мустаҳкам гардида, шартномаҳои байналмилалии нав ва қаблан аз тарафи ИҶШС имзонашуда, мавриди татбиқ қарор дода мешаванд.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолият чун узви ҷомеаи ҷаҳонӣ барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои фитрии инсону шаҳрванд ба бисёре аз санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ аъзо шуда, меъёрҳои қисми зиёди онҳоро дар қонунгузории миллӣ имплементатсия намуда, ба як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла, ба қонунгузории ҷиноятӣ тағийру иловаҳо ворид намудааст.

Муаллиф изҳор медорад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ низоми ҳуқуқии мураккаб ва ба худ хосе мебошад, ки таъсири он ба низомҳои ҳуқуқии миллӣ доимо меафзояд. Дар институтҳо ва принсипҳои ҳуқуқи байналмилӣ аз ибтидо ғояҳои умумидемократӣ мустаҳкам гардидаанд, ки асоси онҳоро ҳимояи манфиатҳои тамоми башарият ташкил медиҳад. Бо назардошти масъалаҳои мазкур аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти муаллиф дар шароити муосир мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар замони имрӯза ҳуқуқи байналмилалӣ ба сифати ҳуқуқи «намунавӣ» хизмат мекунад, ки дар заминаи он қонунгузории

дохилидавлатӣ ташаккул меёбад. Дар робита ба ин, бо назардошти асосҳои адолат ва раҳмдилӣ, баҳодиҳии объективии хубу бад ва дигар ғояҳои арзишманди инсонӣ бояд мазмун ва аҳаммияти ҳақиқии ҳуқуқи ҷиноятӣ barқарор карда шавад.

Аз гуфтаҳои болозикр бармеояд, ки институти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи ҷӣноятӣ ба ҳисоб рафта, омӯзиши пурра ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Камолов Х.С. мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст, фаррох истифода бурда шаванд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти рисолаи илмии муаллиф дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ гузаронида шуда, тавассути он роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри танзими институти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузоштшударо ҳал намудааст,вале

новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Аз ҷумла, муаллифро зарур буд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар самти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таваҷҷуҳи бештар равона менамуд.

Тавсияи болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Камолов Хуршедулло Субҳонқулович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи "Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар Қисми умумии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон" қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Раиси суди ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Абдуллозода Ҷ.А.

**Имзои Абдуллозода Ҷ.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Шуъбаи умумии суди
ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон Ҳусейнзода У.

«06» 12 **2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, Суди ноҳияи Ёвон, 735310, ноҳияи Ёвон, кӯчаи Меҳвар, 6; Тел.: (83141) 2-30-00; факс: (83141) 2-26-23; сомона: www.yovon.sud.tj; e-mail: info@yovon.sud.tj.